# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология. шаҳри Душанбе, 2026.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба шиносномаи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, ба бандҳои 3, 14, 17 ва 18 мувофиқат мекунад:

3. Арзёбии ҳолати реҷаи обии ҳудудҳо ва оқибатҳои геоэкологии тағйирёбии он вобаста ба тағйирёбии андозаҳои иқлим. Таҳлили геоэкологии таъсири танзими ҷараёни дарёҳо ба экосистемаҳои обӣ, соҳилӣ-обӣ ва заминӣ, инчунин асосноккунии роҳҳои ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳои обӣ ва заминӣ;

14. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва технотабиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатар ва хавф, идоракунии хавф, чораҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани паёмадҳои равандҳои фалокатбор, ҳифзи инженерии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот;

17. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

18. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология. Таҳияи асосҳои илмии экспертиза ва назорати давлатӣ дар соҳаи экологӣ.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Вазифаи аввалиндараҷа дар таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳои табдилёбии муҳити атроф ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ масъалаи муҳимтарини геоэкологӣ арзёбӣ гардида, бо ин мақсад гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологӣ ва таҳияи чораҳо оид ба паст намудан ва типикунонии хатарҳои табиӣ, геоэкологӣ ва техногенӣ ба шумор меравад. Таъсир ба минтақа аз омилҳои - тағйирёбии таркиби кимиёвии обҳои сатҳӣ ҳангоми обпартоӣ аз ковишҳои зеризаминӣ; пастшавии таркиби кимиёвии обҳои зеризаминӣ ҳангоми корҳои пармакунӣ, ифлосшавӣ бо маҳлулҳо, партовҳои моеъ; ифлосшавии ҳаво аз партовҳои газу чанг ҳангоми корҳои таркишӣ, ҳавотаъминкунии конҳо; вайроншавии

таркиби кимиёвии хок дар натиҷаи ворид шудани партовҳои газ, моеъ ва сахти саноати кӯҳӣ иборат мебошад.

Аз ин лиҳоз дар арзёбии ҳолати геоэкологии минтақа талаботи мақсаднок, яъне омӯзиши мухтасари хавфҳои табиӣ ва техногенӣ бо мақсади нигоҳ доштани инфрасохторҳо ва аҳолӣ аз хатарҳо мавҷуд аст. Ин ҳама аз актуалӣ будани таҳқиқоти гузаронидашуда шаҳодат медиҳад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» дар сатҳи илмӣ ва ҷавобгӯ ба талабот пешниҳод гардидааст. Таҳияи харитаҳои инженерӣ-геологӣ ва геоэкологии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар миқёсҳои гуногун имконияти таҳлили ҳолати кунунии фазои ҷуғрофӣ-геологии минтақа, омӯзиши мушкилоти геоэкологӣ, муқовимати онҳо ба хавфҳои табиӣ геоэкологӣ ва таъсири фаъолияти техногенӣ, муқаррар намудани шароити геоэкологии минтақа ҳангоми фаъолияти техногенӣ; таҳияи чораҳои ҳифзкунандаи табиӣ доир ба беҳбуд бахшидан ба фазои табиии минтақа мусоидат менамоянд.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ нуктаҳои илмии зеринро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

1. Муайян намудани хусусиятҳои геоэкологии майдони конҳои ангишти минтақаи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар давраи истихроҷ ва коркарди ангишт ба тағйирёбии ландшафт, релеф, орогидрография ва олами наботот ва ҳайвонот дучор гардидааст.

2. Таъсири техногенӣ ба фазои геоэкологӣ дар натиҷаи вусъатёбии равандҳои муосири инженерӣ-геологӣ ҳангоми фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноати кӯҳии истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок, ки ба экосистемаи минтақа таъсири манфӣ мерасонанд, ба амал меоянд.

3. Харитаҳои табиӣ-геоэкологӣ, арзёбӣ ва типикунонии хавфҳои геологӣ ва инчунин чораҳои ҳифзкунандаи табиии таҳияшуда имконияти коҳиш додани таъсири онҳоро ба фазои геоэкологӣ фароҳам меорад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо аз истифода намудани усулҳои таҳқиқот аз қабили ҷорӣ намудани технологияи муосири

истихроҷ ва коркарди ангишт ва дигар намуди канданиҳои фоиданок асоснок карда шудааст. Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсияи зикргардида дар сатҳи илмӣ ва ҷавобгӯ ба талабот ифода ёфтааст.

Хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия оварда шудааст:

1. Бо назардошти мавҷуд будани шароитҳои мусоиди географӣ, геологӣ ва кӯҳию техникӣ дар ҳудуди конҳои канданиҳои фоиданоки кишвар корхонаҳои саноати кӯҳӣ зарур аст, ки ба бунёди шабакаҳои барқию обии хурди худ манфиатдор бошанд.

2. Яке аз масъалаҳои афзалиятнок, ки ба таъмини бехатарии саноатӣ ва экологии истихроҷи конҳои ангишт равона карда шудааст, ин интиқол додани ангишти истихроҷшуда ба анборҳо ё ҷойҳои махсусгардонидашуда ва таъсири бевоситаи онҳо ба муҳити геоэкологӣ мебошад. Бо мақсади беҳбуд бахшидан дар самти корҳои интиқолдиҳӣ интихоб намудани роҳи танобии барқӣ бамаврид буда, барои дар тамоми фасли сол ба роҳ мондани истихроҷи ангишт мусоидат менамояд.

3. Дар оянда барои ба даст овардани фоидаи максималии иқтисодӣ моро зарур аст, ки роҳҳои ҷорӣ намудани технологияҳои бепартовро ҷустуҷӯ намоянд. Ин вазифаро бо роҳҳои гуногун ва махсусан бо истифода аз технологияи истеҳсоли қолаби фишурдаи хокаи ангишт (брикет) иҷро намудан мумкин аст.

4. Харитаҳои таҳиянамудаи экологӣ имконияти коҳиш додани таъсири хавфҳои экологиро дар минтақаҳои коркард ва истихроҷи ангишт ва иншооти ҳаётан муҳимми хоҷагии халқ фароҳам меорад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи омоданамудаи унвонҷӯ аз муқаддима, 4 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда аз 159 номгӯй, 44 расм, 8 ҷадвал ва 163 саҳифаи чопиро фаро гирифтааст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳи илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсия ба “Тавсифи физикӣ-географии минтақа” бахшида шуда, дар он масъалаҳои сохторҳои кӯҳӣ ва унсури асосии орографии минтақа, релефи нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор ва хусусиятҳои гидрологии минтақа баррасӣ шудаанд. Дар таҳқиқоти боби якум харитаи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, харитаи нақшавӣ-геологӣ ва ҷойгиршавии конҳои ангишт, минтақаи ҷойгиршавии қабати кони ангишти Зиддеҳ аз ҷониби муаллиф таълиф ва коркарди компютерӣ шудааст.

**Дар боби дуюм** – «Сохтори геологӣ ва ҳолати сейсмикии минтақа» масъалаҳои сохтори геологӣ, ҳолати сейсмикӣ ва хусусиятҳои геоморфологии минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар минтақаи таҳқиқотӣ таҳшиниҳои давраи юра васеъ паҳн шудаанд, ки бо онҳо қабатҳои ангиштсанг алоқадор мебошанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Хусусиятҳои геоэкологии минтақа» масъалаҳои таснифи ландшафтҳо, навъи хокҳо ва шароити иқлим баррасӣ гардидаанд. Конҳои ангишти нишебии ҷанубӣ қаторкуҳи Ҳисор дар таъмини амнияти энергетикии кишвар нақши муҳим доранд. Дар минтақаи таҳқиқотӣ мавҷуд будани конҳои ангиштсанг, аз қабили конҳои Зиддеҳ, Тошқутан, Ҳакимӣ, Суффа, Чашмасанг ва Сайёд ки аҳаммияти саноатӣ доранд, дар таҳқиқот таҳлилҳои илмии асоснокшуда гузаронида шудааст.

**Дар боби чоруми диссертатсия** – **«**Динамикаи тағйирёбии шароити геоэкологӣ» масъалаҳои таъсири техногенӣ ва тағйирёбии вазъи геоэкологии минтақа дар шароити муосир, омилҳои асосии қонунияти пайдоиши хавфи офатҳои табиӣ ва чораҳои геоэкологӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлил ва натиҷаҳои мушоҳидаҳои овардашуда гуногун ва шиддатнокии вайроншавии муҳити геологии минтақаро аз сабаби афзоиши босуръати истихроҷи конҳои ангиштсанг нишон медиҳанд.

Дар хулоса паҳлуҳои муҳимми ҷанбаҳои геоэкологии истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дарҷ гардидааст.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи “Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа” барои дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид

ба самтҳои геологӣ, экологӣ ва географӣ дар вақти гузаронидани лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ тавсия дода мешавад. Қисмҳои

ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи диссертатсия дар шакли тавсияҳо ва барои татбиқ дар истеҳсолот аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод карда шудааст.

7. **Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии кори диссертатсионӣ дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷалаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия шудааст, нашр гардидаанд. Нашри ин мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели сатҳи баланди аҳамияти илмӣ ва навоварии таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.

8. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби сеюми боби 4.- рисолаи илмӣ чораҳои геоэкологӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои табиӣ, яъне ба роҳ мондани усули интиқоли ангишт бо роҳи симтанобӣ овезони барқӣ дарҷ гардидааст, лекин ҳисоби самаранокии ин усул нисбат ба усули нақлиёти дар шакли васеъ нишон дода нашудааст.

2. Дар рисолаи илмӣ оид ба партовҳои конҳои ангишт маълумоти дақиқ оварда нашудааст, инчунин нисбати заминҳои вайроншудаи минтақаи саноти кӯҳӣ чорабиниҳои геоэкологӣ, яъне барқарорсозии заминҳои вайроншуда бо роҳи зарурӣ таҳия нагардидааст.

3. Дар бахши гузаронидани таҳлилҳои геоэкологӣ мебоист оид ба истихроҷи канданиҳои ҳамсафар (попутный), ки боиси самаранокии хуби истеҳсоли мегардид, мавод оварда нашудааст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда дар маҷмуъ аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи "Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа" аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзадии илмҳои геологию минералогӣ,
дотсент, мудири кафедраи минералогия
ва петрографияи факултети геологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Фозилов Ҷ.Н.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ҷомӣ 10
Тел.: (+992) 988378282
E-mail: fozilov@mail.ru;
"27" 05 соли 2026.

Имзои Фозилов Ҷ.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Суроғаи муассиса:**
734025, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
хиёбони Рудакӣ 17
Тел.: (+992) 2217711
E-mail: info@tnu.tj
"27" 05 соли 2026.